# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Хоруғ, 2026. – 185 с.**

Таҳқиқ ва омӯзиши робитаҳои адабӣ миёни халқҳо ва фарҳангҳои гуногун аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии муосир ба шумор меравад. Ҳарчанд ҷанбаҳои зиёди муносибатҳои адабии кишварҳои Шарқ дар пажуҳишҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, омӯзиши таъсиру ҳамгироии анъанаҳои адабии Шарқ ва Ғарб ҳанӯз ҳам ниёз ба таҳқиқоти амиқ дорад. Яке аз заминаҳои асосии ин робитаҳо мавҷудияти арзишҳо ва андешаҳои муштараки инсонист, ки дар осори намояндагони барҷастаи адабиёти ҷаҳон таҷассум ёфтаанд.

Дар тӯли таърих шахсиятҳои бузурги илму фарҳанг ва адабиёт ба майдон омадаанд, ки осори онҳо аз ҳудуди миллӣ фаротар рафта, ба мероси маънавии башарият табдил ёфтааст. Дар миёни чунин чеҳраҳои мондагор Ҳофизи Шерозӣ (1325–1389) ва Вилям Шекспир (1564–1616) ҷойгоҳи махсус доранд. Осори ин ду адиби номвар, сарфи назар аз тааллуқ доштан ба муҳитҳои фарҳангии гуногун, дорои бисёр ҷанбаҳои ҳамсон дар тасвири арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Онҳо дар заминаи анъанаҳои адабии Шарқ ва Ғарб масъалаҳои муҳимми ҳаёти инсонро ба таври ҳунармандона инъикос намудаанд.

Дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир мавзуъҳои фарогири умумиинсонӣ ҷойгоҳи намоён доранд. Тасвири муҳаббат ва вафо, ситоиши инсон ва озодии руҳ, тарғиби дӯстиву рафоқат, инъикоси зебоиҳои табиат, арзишҳои ахлоқиву маънавӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми зиндагӣ аз ҷумлаи муштаракоти ғоявӣ ва мавзуии осори онҳо ба ҳисоб мераванд. Ба ин мавзуъ ва масъала рабт доштани диссертатсияи Ёрбекова Заррина худ аҳаммияти кори таҳқиқии ӯро бозгӯ менамояд.

***Навгонии илмии рисолаи*** мазкур дар он ифода меёбад, ки муаллиф нахустин маротиба дар адабиётшиносии тоҷик ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро дар заминаи таҳлили муқоисавию таърихӣ ба таври мустақил ва ҳамаҷониба мавриди пажуҳиш қарор дода, умумиятҳо ва тафовутҳои онҳоро аз ҷиҳати сохтор, муҳтаво, ғоя, услуб ва ҳунари бадеӣ муайян намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқ муштаракоти шакливу маъноии осори ин ду суханвари бузург, инчунин нақш ва ҷойгоҳи арзишҳои ахлоқию маънавӣ, симоҳои шарқӣ ва ғарбӣ ва таъсири онҳо дар инъикоси ҷаҳонбинии инсон бо далелҳои илмӣ равшан гардида, барои

густариши омӯзиши робитаҳои адабии Шарқу Ғарб ва таҳкими пажуҳишҳои муқоисавӣ дар адабиётшиносии тоҷик заминаи нави илмӣ фароҳам оварда шудааст.

***Аҳамияти назарии рисола*** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили донишҳои назариявӣ дар соҳаи адабиётшиносии муқоисавӣ, равобити адабӣ ва омӯзиши робитаҳои фарҳангии Шарқу Ғарб мусоидат намоянд. Муаллиф дар заминаи таҳлили муқоисавию таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир омилҳо ва заминаҳои ҳамгироии анъанаҳои адабии форсӣ-тоҷикӣ ва англисиро ошкор намуда, барои дарки амиқтари қонуниятҳои рушди робитаҳои адабӣ ва густариши таҳқиқоти муқоисавӣ саҳми арзанда гузоштааст.

Ёрбекова Заррина барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, ***нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро*** дар 8 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида мухтавои фаслу бобҳои рисоларо инъикос намуда, дар самти шинохт ва таҳқиқи муштаракоти ғоявию бадеии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир, инчунин муайян намудани нақши онҳо дар густариши равобити адабии Шарқу Ғарб ва рушди адабиётшиносии муқоисавӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонкуловна аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, 3 боб, 7 фасл, 6 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхатти адабиёт, замима ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия таҳия ва манзур шудаанд.

Боби якуми рисола таҳти унвони ***«Масъалаҳои ташаккул ва рушди равобити адабии форсӣ-тоҷикӣ ва англис (дар замони Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир)»*** ба баррасии заминаҳои таърихӣ ва фарҳангии робитаҳои адабии Шарқу Ғарб бахшида шудааст.

Дар фасли аввали боб заминаҳои таърихии ҳамгироии фарҳангҳои Шарқу Ғарб дар асрҳои XIII–XVI ва омилҳои пайдоишу густариши равобити адабии форсӣ-тоҷикӣ ва англис таҳқиқ гардидаанд. Фасли дуюм ба шуҳрати ҷаҳонии Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир ихтисос ёфта, ҷойгоҳ, таъсири осор ва омилҳои фаромиллӣ шудани эҷодиёти ин ду нобиғаро баррасӣ мекунад. Дар зерфасли аввали он тавассути таҳлили

муқоисавӣ масъалаҳои меҳварии андешаи адибон, аз ҷумла ишқ, дониш, адолат ва тафаккури инсонгароёнаи онҳо ошкор карда мешавад. Зерфасли дуюми фасли дуюм хусусиятҳои забонӣ ва ҳунарии ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспирро мавриди таҳлили амиқ қарор медиҳад. Муаллиф бо такя ба намунаҳои мушаххас нишон медиҳад, ки забон ҳамчун унсури асосии офариниши бадеӣ дар шаклгирии сабки эҷодии онҳо нақши калидӣ дорад. Таҳқиқи вожаҳо, ташбеҳҳо ва образҳо умумиятҳои ҳунарии осори ин ду шоири бузургро равшан намуда, собит месозад, ки онҳо забони шеърро ба авҷи аъло расонидаанд..

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки ғановати луғавӣ, нозукиҳои маъноофарӣ, образнокии сухан ва истифодаи васеи воситаҳои бадеӣ боис гардидааст, ки осори ин саханварон аз доираи адабиёти миллӣ фаротар рафта, ба мероси фарҳангии умумибашарӣ табдил ёбанд. Маҳз ҳамин ҷанбаҳои забонӣ ва ҳунарӣ ба ҷовидонагӣ ва шуҳрати ҷаҳонии эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир замина фароҳам овардаанд.

Боби дуюми рисола таҳти унвони ***«Омӯзиши муқоисавии ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир (дар асоси ғазалиёт ва сонетҳо)»*** ба баррасии ҷанбаҳои зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ, тарҷума ва таҳқиқи осори ин ду намояндаи адабиёти ҷаҳон бахшида шудааст.

Дар фасли аввали ин боб масъалаҳои марбут ба рӯзгор, муҳити зиндагӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии замон ба ташаккули андешаҳои инсонгароёна ва интиқодии ҳар ду шоир таъсири амиқ расонидаанд. Фасли дуюм ба масъалаҳои тарҷума, интишор ва шинохти ҷаҳонии осори ин ду адиби барҷаста бахшида шудааст. Дар ин бахш нақши калидии тарҷумаҳо дар густариши робитаҳои адабӣ ва фарҳангии Шарқу Ғарб ба таври васеъ нишон дода мешавад. Инчунин, дар ин фасл саҳми мутарҷимони мухталиф дар муаррифии ҷаҳонии осори ҷовидони Ҳофиз ва Шекспир мавриди арзёбӣ қарор мегирад. Фасли сеюми боб дастовардҳои муҳаққиқони бузурги ҷаҳонро дар самти ҳофизшиносӣ ва шекспиршиносӣ мавриди омӯзишу ҷамъбаст қарор медиҳад. Муаллиф бо таҳлили намунаҳои шеърӣ вижагиҳои ҳунарии ғазал ва сонетро аз назари фасоҳати забон ва образофарӣ таҳқиқ мекунад. Дар ин раванд маҳорати маънипардозӣ ва истифодаи санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти ин ду суханвар амиқ баррасӣ мегардад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки чӣ тавр осори онҳо бо навгароӣ ва тозагии андешаи худ ҷойгоҳи барҷастаеро дар адабиёти ҷаҳон касб кардаанд.

Арзиши илмии ин боб дар муайян кардани омилҳои таърихии ташаккули ҷаҳонбинӣ, баррасии таърихи тарҷума ва ҷамъбасти

дастовардҳои ҳофизшиносиву шекспиршиносӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти бадеии бахшҳои мазкур, дар ошкор намудани умумиятҳои мавзуӣ, маҳорати суханварӣ ва қобилияти осори ин ду шахсияти адабӣ барои убур аз марзҳои забониву фарҳангӣ таҷассум меёбад.

Боби сеюми рисола таҳти унвони ***«Таҳлили муқоисавӣ-таърихии хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир»*** ба омӯзиши муштаракот ва вижагиҳои ғоявию ҳунарии осори ин ду намояндаи барҷастаи адабиёти Шарқу Ғарб бахшида шудааст.

Дар фасли аввали боби сеюм масъалаҳои муҳтаво ва ғояҳои меҳварии осори Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир дар заминаи арзишҳои инсонӣ ва камолоти маънавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Зерфасли аввал ба баррасии муқоисавии фалсафаи ишқ бахшида шуда, онро дар осори Ҳофиз ҳамчун мафҳуми фарогири заминиву ирфонӣ ва дар сонетҳои Шекспир ҳамчун меҳвари таҷрибаи ботинии инсон арзёбӣ мекунад. Муаллиф собит месозад, ки ҳарчанд тасвири ишқ дар эҷодиёти ин ду шоир аз анъанаҳои гуногуни фарҳангӣ сарчашма мегирад, аммо дар моҳият арзишҳои умумиинсониро таҷассум менамояд. Дар зерфасли дуюм рамзи «*май*» мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, ҷойгоҳи он ҳамчун воситаи изҳори мастии маънавӣ дар ғазал ва ифодаи эҳсосоти ошиқона дар сонет равшан карда мешавад. Зерфасли сеюм масъалаи дӯстӣ ва вафодориро ҳамчун падидаи ахлоқиву маънавӣ ва омили муҳимми ташаккули камолоти инсонӣ зикр мекунад. Муаллиф дар ин бахш нишон медиҳад, ки мафҳуми дӯст дар ғазалиёти Ҳофиз заминаи амиқи ирфонӣ дошта, аксар вақт ба маънои Офаридгор зуҳур менамояд. Зерфасли чаҳорум бозтоби олами табиатро меомӯзад ва собит месозад, ки унсурҳои табиӣ дар ашъори ҳар ду нобиға воситаи ифодаи ҳолатҳои руҳӣ ва андешаҳои фалсафӣ мебошанд.

Фасли дуюми боб ба омӯзиши ҷанбаҳои ҳунарӣ, ғановити забон ва корбурди густурдаи санъатҳои бадеӣ дар ғазал ва сонет ихтисос ёфтааст. Муаллиф ба таҳқиқи муҳимтарин воситаҳои тасвир, аз ҷумла таҷнис, саволу ҷавоб, ташбеҳ, мутазод ва иҳом таваҷҷуҳ намуда, нақши онҳоро дар офариниши образҳо равшан месозад. Дар ин раванд нишон дода мешавад, ки санъати иҳом дар сабки Ҳофиз ва ташбеҳу истиора дар осори ҳар ду шоир унсурҳои асосии бадеисоз ба шумор мераванд. Таҳлилҳо собит месозанд, ки ҳар ду суханвар бо истифода аз имкониятҳои васеи забон тавонистаанд андешаҳои амиқи фалсафиро дар қолаби тасвирҳои муассир ифода кунанд. Маҳз ҳамин маҳорати образофарӣ ва маънипардозии баланд боис гардидааст, ки осори онҳо аз доираи адабиёти миллӣ фаротар равад.

Арзиши хосси илмии боб дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз усули таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ заминаҳои ҳамсонӣ ва

фарқияти ҷаҳонбинӣ, мазмун ва ҳунари суханварии Ҳофиз ва Шекспирро баррасӣ намуда, ҷойгоҳи онҳоро дар рушди адабиёти ҷаҳон муайян кардааст.

***Хулосаи диссертатсияи*** Ёрбекова Заррина Мардонкуловна фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 12 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд. Инчунин арзиши илмии ***замима*** дар он зоҳир мегардад, ки муштаракоти ғоявӣ, маънои ва ҷаҳонбинии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспирро ошкор намуда, заминаҳои ҳамгироии адабиёти Шарқу Ғарб ва хусусиятҳои умумии тафаккури бадеии инсониро равшан месозад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ба андешаи мо, унвони боби якум мушаххастар мешуд, беҳтар буд, зеро он хеле васеъ ва фарогир аст.

2. Агар ба ҷойи фасли *«Омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шексипир»* масъалаҳои ошноии Вилям Шексипир бо шахсияти Ҳофизи Шерозӣ ва ашъори ӯ таҳқиқ мегашт, аз манфиат холӣ набуд.

3. Боби сеюми диссертатсия бештар ба мавзуъҳои муштараки ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир бахшида шудааст, агар дар ин боб ба мавзуъҳои мушаххастар, ба монанди образҳо, тасвирҳои шоирона, тарҷумаҳои англисии ашъори Ҳофизи Шерозӣ аз ҷониби Вилям Шекспир ва муқоисаи онҳо ба дигар тарҷумаҳо ва ғ. таҳқиқ мегашт, мувофиқи мақсад буд.

4. Дар тарҷумаи англисии ашъори Вилям Шекспир муайян карда шавад, ки тарҷумаҳо ба муаллиф ва ё ба тарҷумони дигар тааллуқ доранд;

5. Дар тарҷумаи русии автореферат баъзе истилоҳоти адабиётшиносӣ ба таҳрири ҷиддӣ ниёз доранд, ба монанди «*литературные отношения*/робитаҳои адабӣ» (саҳ. 33), «*Искусство имама*/санъати иҳом» (саҳ. 54) ва ғ.

6. Бемаврид такрор омадани як фикр дар тарҷумаи русии автореферат (с. 33, 50 ва ғ.)

7. Дар диссертатсия (с. 10, 101, 152) ва авторефарат (с. 4, 7, 10, 27) ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф аст.

Ба тарви умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи рисола нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи

интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.15. Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи Ёрбекова Зарринa Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» ба талаботи бандҳои 32, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
н.и.ф., дотсент, декани
факултети филологияи Шарқи
МДТ «Донишкадаи исломии
Тоҷикистон ба номи Имоми
Аъзам – Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит» Холов А.С.

30.06.2026

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Ҳисор 27/1, х. 9.
Тел.: (+992) 985342442;
E-mail: xolov.a@list.ru

«Имзои Холов А.С.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ
ва коргузории МДТ «ДИТ ба номи
Имоми Аъзам – Абуҳанифа» Ҷомадов Х.А.

Суроға: 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ,
кӯчаи Шодмонӣ 58-1.
Тел.: (+992) 37 224-22-36;
E-mail: info@dit.ru

30.06.2026